«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
профессор: ________ Давлатзода С.Х.
“_10_” декабри соли 2020

# ХУЛОСАИ

**кафедраи таърихи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

Диссертатсияи Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич дар мавзӯи **«Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.03 - Таърихи умумӣ дар кафедраи таърихи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расонида шудааст.

Дар раванди омода гардидани диссертатсия Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич унвонҷӯи кафедраи таърихи умумии МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» маҳсуб меёфт. Айни замон ӯ ба ҳайси омӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷик фаъолият намуда истодааст.

Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич соли 1999 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз санаи 06 октябри соли 2020, таҳти №19/32 аз ҷониби МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои таърих Искандаров Қосимшо буда, ба ҳайси саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мавзӯи диссертатсияи номзадӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДБ ба номи Носири Хусрав аз 25.09.2017, қарори №2 тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи рисола дар маҷлиси кафедраи таърихи умумии МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» аз 16 декабри соли 2020, протоколи №5 хулосаи зерин бароварда шуд:

1. **Баҳо ба рисолаи унвонҷӯ**.

Диссертатсияи Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич дар мавзӯи «Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

мутобиқ буда, вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

2. **Иштироки шахсии унвонҷӯй дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст**.

Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ иҷро гардида, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона баён ва натиҷагирӣ гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок шуда, диссертатсия таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад.

3. **Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда**.

Ҳангоми навиштани диссертатсия вобаста ба вазифаҳои матраҳшаванда методҳо ва назариёти умумиилмӣ ва махсус, чун усули таърихият, айният, бетарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ, тавсифӣ, таҳлил ва умумият додан мавриди истифода қарор гирифтаанд. Унвонҷӯй ба консепсияҳо ва назариёти бисёре аз олимони ватаниву хориҷие, ки таҳқиқоташон бевосита ба мавзӯи рисолаи таҳқиқшаванда наздиканд, такя намудааст.

Диссертатсия дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, санадҳои меъерии ҳуқуқӣ ва ёддоштҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии Афғонистон дар солҳои 30-нимаи аввали 70-уми асри XX анҷом дода шудааст.

Дар таърихнигории Тоҷикистон ин мавзӯъ ба дараҷаҳои мухталиф фаро гирифта шудааст: мушкилот қисман дар асарҳои инфиродӣ, маҷмӯаҳо, мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтааст.

Дар солҳои 30-70-уми асри XX дар таърихнигории Тоҷикистони Шӯравӣ як қатор асарҳои дастаҷамъӣ ва монографияҳои инфиродӣ оид ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон, масъалаҳои навсозии ҳаёти фарҳангии минтақаи тадқиқшаванда пайдо шуданд.

Дар марҳилаи сифатан нави ислоҳоти низоми давлатдорӣ,ба ъд аз сарнагун гардидани низоми "Толибон", ба амал баровардани ислоҳот дар ҳаёти сиёсӣ, ташкили низоми бисёрҳизбӣ ва ҳукумати эътилофӣ бо иштироки намояндагони тамоми миллату халқиятҳои сокини кишвар, хотима додани ҷанг ва гузаштан ба ҳаёти осоишта, барқарор намудани иқтисоди кишвар ва эҳёи ниҳодҳои замонавии фарҳангӣ Афғонистон ба дастовардҳои калон ноил гардид. Аммо дар баробари ин кишвар ҳанӯз бо хатарҳо ва таҳдидҳои моҳияти глобалӣ дошта – терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, фаъол гардидани ҷинояткории созмонёфта, кочоқи моводи мухаддир мувоҷеҳ аст. Ҷунбиши "Толибон" аз нав эҳё гардида, барои барқарор намудани аморати

исломӣ ва аз байн бурдани тамоми дастовардҳои 20 соли охир муборизаи мусаллаҳона ва амалҳои террористиро идома медиҳад.

Ҳалли мушкилот ва хатарҳои муосир танҳо бо роҳи идома додани равандҳои навсозӣ ва устувор намудани дастовардҳои ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ имконпазир мебошанд. Ҳамин тавр, мавзӯи таҳқиқ ҳам аз нигоҳи илмӣ ва ҳам амалию сиёсӣ дорои аҳамияти калон мебошад. Мубрамияти он дар он ифода ёфтааст, ки:

1) Ин мавзӯъ то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ нашуда аст.

2) Кӯшиши навсозии ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ дар ҳар марҳила боиси зуҳури эътирози табақаҳои муайяни ҷомеа гардиданд, ки сабабҳои асосӣ ва омилҳои чунин эътироз ва қиёмҳо ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

3) Падидаи муқобилияти дарозмуддати навсозӣ ва суннатгароӣ дар Афғонистон ва таносуби омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба таҳқиқоти ҷиддии илмӣ зарурат дорад.

4) Муайян намудани дурнамои низоми муосири давлатдорӣ дар Афғонистон зарурати таҳлили таҷрибаи таърихии навсозӣ, муайян намудани хусусиятҳои хоси марҳилаҳои он, таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна ба равандҳои навсозӣ ва баррасии омилҳо ва сабабҳои нокомии равандҳои ислоҳот ва навсозӣ мубрамияти мавзӯъро афзоиш медиҳад.

Рисолаи мазкур дар роҳи дарки дурусти моҳияти равандҳои навсозӣ дар давоми солҳои ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ гоми нахустин мебошад, ки дар ин давра Афғонистон аз кишвари дорои низоми асримиёнагӣ ба низоми монархияи подшоҳии дорои Қонуни асосии асрӣ, парламенти доимамалкунанда ва амалан низоми бисёрҳизбӣ табдил ёфта буд, мусоидат хоҳад намуд.

Ин мубрамият ва замонавӣ будани мавзӯи таҳқиқотиро собит менамояд.

**Мақсади таҳқиқот**. Ҳадафи таҳқиқот баррасӣ ва таҳлили моҳият ва мазмуни равандҳои навсозии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ Афғонистон дар солҳои 30-70-уми асри XX мебошад. Барои расидан ба мақсади зикргардидаи таҳқиқ дар диссертатсия вазифаҳои асосии таҳқиқ муайян шуданд:

-муайян намудани хусусиятҳо ва нуқсонҳои раванди навсозӣ дар давраи фаъолияти ҳукумати ислоҳоткоронаи Амонуллохон дар марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон;

- таҳлили вазъи сиёсию иҷтимоии Афғонистон дар солҳои 30-юм – нимаи аввали солҳои 40-ум;

-таҳлили вазъи дохилӣ ва хориҷии кишвар дар солҳои 30-ум ва ба вуҷуд омадани зарурати навсозӣ ва мавзеъгирии доираҳои ҳукмрон дар муносибат ба равандҳои навсозӣ;

-ошкор намудани таъсири омилҳои берунӣ дар нимаи дуввуми солҳои 40-ум, ба хусус дигаргуниҳои ба амал омада дар ҷаҳон пас аз хотима ёфтани ҷанги ҷаҳонӣ ва авҷ гирифтани харакатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар кишварҳои Шарқ ва таъсири онҳо ба вазъи дохилии Афғонистон;

-ошкор намудани нақши аҳзоб ва ҷараёнҳои мутараққӣ дар ҳаёти сиёсии Афғонистон дар охири солҳои 40 ва ибтидои солҳои 50-ум;

-муайян намудани омилҳои дохилӣ ва берунии қабули Қонуни асосии соли 1964 ва накши он дар тавсеаи заминаҳои навсозӣ ва ислоҳот дар Афғонистон;

-ошкор намудани нақши аҳзоб ва матбуоти озод дар рушди ғояҳои навсозӣ ва ширкати онҳо дар равандҳои навсозӣ пас аз қабули Қонуни Асосии соли 1964;

- муайян намудани самтҳои асосии сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар давраи «даҳаи Қонуни Асосӣ» (1963 – 1973) ва натиҷаҳои он;

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки:

-таҷрибаи навсозии низоми иҷтимоӣ дар солҳои 1919 – 1929 мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст;

-вазъи иҷтимоию сиёсии Афғонистон дар солҳои 30-ум – аввали солҳои 40-ум мушаххас шудааст;

-таҳаввулоти иҷтимоӣ-сиёсии охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум, ба вуҷуд омадани гурӯҳ ва ҷараёнҳои сиёсӣ, матбуоти ғайрирасмӣ нишон дода шудааст;

- рушди парламентаризм дар ибтидои солҳои 50-ум ва нақши он дар навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии мамлакат муайян карда шудааст;

- раванди таҳия ва қабули Конститутсияи соли 1964 ва таъмини заминаҳои меъёрии ҳуқуқии навсозӣ дар солҳои 60-ум мушаххас гардидааст;

- нақши аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсӣ ва матбуоти озод дар рушди ғояҳои навсозӣ ва ширкати онҳо дар равандҳои навсозӣ пас аз қабули Қонуни асосии соли 1964 муайян гардидаанд;

**Моҳияти таҳқиқоти илмию назариявӣ**. Моҳияти таҳқиқоти илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарки амиқ ва воқеии равандҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистони муосир, моҳияти падидаҳои мураккаби этникӣ, мазҳабӣ ва ғ. мусоидат менамоянд, зеро бидуни дарки ҷанбаҳои таърихӣ, моҳият, хусусиятҳо ва мазмуни равандҳои навсозӣ ва ислоҳот дар кишвар пас аз касби истиқлолият ғайриимкон мебошад. Таҳлилҳо ва арзёбиҳои дар диссертатсия овардашуда имкон фароҳам месозанд, ки нақши ниҳодҳои низоми давлатдорӣ, фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳодҳои ҷомеаи мутаммадини

муосир, таносуби арзишҳои муосири дунявӣ ва анъанавӣ дар таърихи Афғонистон дуруст дарк карда шавад. Маводҳои диссертатсия метавонанд дар таҳияи барномаҳои дарозмуддати рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ-фарҳангии Афғонситон мавриди истифода қарор гиранд.

Моҳияти назариявии диссертатсия аз он иборат аст, ки таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар ташкили раванди таълим дар мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои «Таърихи кишварҳои Осиё ва Африқо», «Таърихи умумӣ», «Таърихи муосири Афғонистон», «Кишваршиносӣ» ва ғ. метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Алоқамандии мавзӯи рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич «Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.03 – таърихи умумӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи намунавии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

**Татбиқи натиҷаҳои илмии рисола**. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи фаъолияти чандинсола буда, мазуну мундариҷаи онро 7 мақолае, ки чоп гардина ва аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, инъикос мекунанд. Номгӯи онҳо дар охири автореферати рисолаи диссертатсионӣ оварда шудааст. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои солонаи ҳайати профессорону омӯзгорони ДДБ ба номи Носири Хусрав ва дар маводҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ мунташир гардидаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

1. Баҳодуров Б.Ф. Ислоҳоти Ҳукумати Амонуллоҳхон – марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон [Матн] / Б.Ф. Баҳодуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №5. – С.13-19.
2. Баҳодуров Б.Ф. Таҳия ва қабули қонуни асосӣ дар соли 1964 ҳамчун заминаи навсозии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистон [Матн] / Б.Ф. Баҳодуров, Қ.Искандаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №3. – С.44-49.

3. Баҳодуров Б.Ф. Тамоилҳои умумии равандҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар замони ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ [Матн] / Б.Ф. Баҳодуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №4. – С.57-62.

**Мақолаҳои дар дигар нашриёҳо ба табъ расида:**

4. Баҳодуров Б.Ф. Назари кишваршиносон роҷеъ ба ислоҳоти Афғонистон дар садаи XX [Матн] / Баҳодуров Б.Ф. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Истифодаи маводи кишваршиносӣ ҳамчун воситаи тарбияи ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ зимни таҳқиқ ва омӯзиши фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ", ДДБ ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар. – 2018. – 19-20 окт. – С.153-158.
5. Баҳодуров Б.Ф. Таҳаввулоти иҷтимоӣ-сиёсӣ охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум дар Афғонистон [Матн] / Баҳодуров Б.Ф. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар мавзӯи "Нақши илмҳои дунявӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол", ш. Бохтар, ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2020. – 17 авг. – С.113-115.
6. Баҳодуров Б.Ф. Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 30-ум – аввали солҳои 40-ум [Матн] / Баҳодуров Б.Ф. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар мавзӯи "Нақши илмҳои дунявӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол", ш. Бохтар, ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2020. – 17 авг. – С.98-101.

**Ҷаласаи кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯй Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич дар мавзӯи «Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.03- Таърихи умумӣ чун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи унвонҷӯй Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич дар мавзӯи «Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.03- Таърихи умумӣ барои ҳимоя тавсия мегардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шуд. Дар ҷаласа 15 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«Тарафдор» - 15 нафар;

«Зид» - нест;

«Бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул гардид. Протоколи №5 аз 16 декабри соли 2020.

Раисикунанда
н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърихи
умумии ДДБ ба номи Носири Хусрав Алимов Д.Х.

Котиб
ассистенти кафедраи таърихи
умумии ДДБ ба номи Носири Хусрав Холназаров Ҷ.Ҳ.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67
Тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53.
Факс (83222) 2-48-63
E-mail: bgu-1978@mail.ru
www.btsu.tj

Имзоҳои Алимов Д.Х. ва Холназаров Ҷ.Ҳ. - ро
Тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

16.12.2020